**Тақриз**

ба автореферати рисолаи доктории Абдухалилзода К.А «Ислом ва арзишҳои дунявӣ» барои дарёфти унвони илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ

Диссертатсия ба таҳқиқи яке аз мавзуъҳои хеле ҷолиб ва мубрами ҷомеаи имрӯза бахшида шудааст. Зоҳиран ба назар чунин мерасад, ки ислом динест, ки мухолифи ҳама гунна дунявият ва арзишҳои дунявӣ дар ҷомеа мебошад. Лекин муаллифи монография бо такя ба адабиётҳои сершумор ва истифодаи фактҳои таърихӣ аз таърихи дини ислом собит сохтааст, ки принсипи дунявият, яъне авлавияти арзишҳои дунявӣ дар муқоиса ба арзишгҳои динӣ ҳатто дар даврони паёмбари ислом Муҳаммад (с) низ ба мушоҳида мерасид. Барои собит намудани ин андеша таъкид сохтани раванди бастани сулҳи Ҳудайбия кифоя аст.

Мақоми бартариятнок доштани арзишҳои дунявӣ дар таърихи ислом дар фаъолияти ҳукмронии аксарияти халифаҳои ислом дида мешавад. Иддае аз халифаҳои ислом ҳатто шахсиятҳои дунявӣ буданд, на динӣ. Дар бисёр ҳолатҳо арзишҳои динӣ ҳатто тобеи арзишҳои дунявӣ мегардиданд. Умуман, агар дар сарчашмаи асосии дини ислом - Қуръон арзишҳои дунявӣ мақоми арзандае надошта бошанд ҳам, лекин дар амалияи исломӣ мақоми бартариятноки он пайваста ба чашм мерасид.

Пайдарҳамии мантиқии бобҳои диссертатсия низ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Диссертант дар боби якум таҳқиқи асосҳои методологии мавзуъро ҳадафи хеш қарор дода, дар зербобҳои алоҳидаи он моҳияти дунявият, мақоми ғоя ва андешаҳои дунявиро дар афкор ва таълимоти мутаффакирони Юнони Қадим, асрҳои миёна, давраи Эҳё ва Замони Нав баррасӣ намуда, бо таҳлили арзишҳои дунявӣ дар динҳои сомии тоисломӣ ба боби мазкур хусни анҷом бахшидааст ва мантиқан барои таҳқиқи арзишҳои дунявӣ дар ислом заминаи назариявӣ омода намудааст.

Боби дуюми диссертатсияро «Заминаҳои дунявият дар ислом» номгузорӣ намуда, диссертант дар он масъалаҳои муҳими асосҳои

иҷтимоии муқаррар гардидани арзишҳои дунявӣ дар ислом, мақоми арзишҳои дунявӣ дар Қуръон, масъалаи ҳокимият дар ислом, нақши омилҳои дунявӣ дар пирӯзӣ ва густариши исломро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аллакай дар зербоби якум диссертант дуруст ва ба маврид таъкид намудааст, ки «дин, пеш аз ҳама, ниҳодест, ки ҳеҷ гоҳ худ ба худ вуҷуд надоштааст. Агар он вуҷуд доштааст, пас, ин маънои онро дорад, ки инсоне ба он ниёз доштааст» (саҳ. 19). Аз ин гузориши диссертант мантиқан чунин хулоса бардошт мегардад, ки ҳадафҳои дунявии инсон омили асосии пайдоиши дин гардидаанд.

Баҳри таҳқиқи воқеъбинонаи муносибати ислом ба арзишҳои дунявӣ диссертант баррасии мавзуъро дар ду самти алоҳида – исломи назариявӣ ва исломи амалӣ пешниҳод намудааст, ки аз лиҳози методологӣ дуруст ва дақиқ мебошад. Диссертант мақом ва нақши арзишҳои дунявиро дар амалия ва назарияи исломӣ дар зербобҳои баъдина хеле муфассал, асоснок ва ба таври муътамад нишон додааст, ки воқеан ҳам сазовори дастгирист.

Боби сеюми диссертатсия пурра ба раванди дунявишавӣ дар иддае аз кишварҳои исломӣ бахшида шудааст. Яъне, боби сеюм идомаи мантиқии раванди дунявигароӣ дар олами ислом маҳсуб меёбад. Дар боби мазкур диссертант пайдоиш ва густариши дунявигароиро дар иддае аз кишварҳои исломӣ ҳадафи таҳқиқ қарор дода, комилан дуруст таъкид намудааст, ки маҳз қафомонии иқтисодию маърифатии ин кишварҳо онҳоро ба дунявигароӣ водор намудаанд. Диссертант бо далелҳои равшан собит сохтааст, ки ғарбгароиеро, ки аҳли зиё ва равшанфикрону ислоҳгарони иддае аз кишварҳои исломӣ ҳадафи хеш қарор додаанд, аслан шакли махсуси зуҳури дунявигароӣ маҳсуб меёбад.

Боби чоруми диссертатсияро муаллиф ба таҳқиқи мавзуи ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бахшида, мантиқан андеша ва мавқеи иддае аз дингароёни дохилию хориҷиро, ки дунявиятро ба дин, махсусан ислом муқобил мегузоранд, ботил сохтааст. Бо нишон додани асосҳои ҳуқуқии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ ва

вижагиҳои ин ҳамзистӣ диссертант модели тоҷикии дунявиятро асоснок намуда, онро ҳамчун кафили сулҳу осоиш ба маъраз гузоштааст, ки бешак дар шароити тезутундшавию бархурди фарҳангҳои мухталиф хидмати арзандаи диссертант маҳсуб меёбад.

Қобили зикр аст, ки муаллиф зимни навиштани диссертатсия адабиётҳои сершуморро ҳам ба забони модарӣ ва ҳам забонҳои англисию арабӣ ва русӣ истифода бурдааст. Забони асар низ хеле равон ва фаҳмо мебошад.

Умуман, муаллифи рисола мавзуи таҳқиқшавандаро хеле илмӣ ва асоснок мавриди таҳқиқ карор дода, мақоми арзишҳои дунявиро дар ислом хеле барҷаста нишон додааст. Аз ин лиҳоз, рисола бешак аз аҳамияти бузурги ҳам амалию ҳам назариявӣ барои аҳли ҷомеа бархӯрдор мебошад.

Чун аҳли ҷомеаи мо мусалмонанду дар ҷомеаи дунявӣ зиндагӣ менамоянд, рисолаи илмӣ барои ҷомеа ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ хеле муфид мебошад. Монография ҳамчунин барои кормандони илм, ки бо таҳқиқи мавзуи дунявият ё омӯзиши дини ислом машғул мебошанд, аз манфиат орӣ нест.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки огоҳӣ бо мавзуи мақоми арзишҳои дунявӣ дар ислом мантиқан ба паст намудани таассуби динии дингароёни ҷомеа мусоидат менамояд. Зеро хонандаи хушзеҳн дарк менамояд, ки дар амалияи исломӣ арзишҳои дунявӣ ҳамеша мақоми сазоворе доштаанд. Аз ин рӯ, вай бо чунин фаҳмиш ба таассуби динии худ латма ворид менамояд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбии диссертатсия мехостам ба яке аз камбудиҳои диссертатсия низ ишора намоям. Дар диссертатсия зимни муайян намудани муносибати ислом ба сарват аз мавқеи интиқодӣ баҳогузорӣ шудааст. Бисёр хуб мешуд, ки муносибати мусбии дини ислом ба сарват низ мавриди таҳқиқ қарор мегирифт.

Хулоса, диссертант мавзуи барои ҷомеаи мо хеле мубрам ва муфидро мавриди таҳқиқ қарор дода ба мақсадаш расидааст ва муаллифи

рисола ба унвони илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фаалсафаи дин ва диншиносӣ сазовор мебошад.

Садори Раёсати таҳлили масъалаҳои
иҷтимоии Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти ҶТ
д.и.ф., профессор Қурбонов А.Ш.

Сардори шуъбаи кадрҳо, корҳои махсус
ва умумии МТС назди Президенти ҶТ Шодиева З.Д.

20.09.2021

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш.Душанбе, х.Рудакӣ, 89
Тел.: (+992) 918-20-04-15.